## Тақриз

ба фишурдаи рисолаи доктори фалсафа (PhD) Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом". – Хуҷанд, 2023. – 58саҳ.

Каломи ҳунарии манзуму мансури ирфонӣ осори андешамеҳвару тафаккурсоз, мероси маънавии бедурӯғу бериё буда, таҳкимзо ва тақвиятбахши олитарин меъёрҳои хисоли ҳамида дар таърихи адабиёти форс-тоҷик маърифат мешавад. Абунаср ибни Абулҳасан Аҳмади Ҷомӣ мулаққаб ба Жандапил яке аз симоҳои пуриштиҳори каломи ҳунарии урафо дар таҳаввули насру назми соҳа саҳми босазо гузоштааст.

Маҳз бо манзури масоили фавқ мавзуи рисолаи Мирзоҳофизиён М.М. "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом" басо муҳим ва саривақтист, ки унвонҷӯ дар сатҳи пажӯҳиши доктори фалсафа (PhD) сомон додааст.

Диссертатсия бо манзури сохтор шомили муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёти марбути мавзуъ буда, ба назари мо, хеле хуб мавзуъбандӣ карда шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон барҳақ таъкид менамояд, ки : "Аҳмади Ҷом маъруф ба "Жандапил", аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони асрҳои XI-XII ба ҳисоб меравад" (Фишурда, с.9).

Муҳаққиқ каломи ҳунарии мансури садаҳои фавқуззикрро дар се бахш дастабандӣ мекунад, ки матлуб аст.

Дар боби дуюми рисолаи муаллиф роҷеъ ба нусхаҳои 11 асари насрии Аҳмади Ҷомӣ баҳс ба миён омадааст, ки муҳаққиқ интисоби онҳоро саҳеҳ медонад.

Дар боби сеюми рисола, ки "Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом" унвонгузорӣ шудааст, доир ба мухтассоти сабкии осори мансури Аҳмади Ҷом, корбурди пораҳои каломи ҳунарии манзум дар осори насрии адиби ориф, шарҳу тавзеҳоти мусталеҳоти ирфонӣ дар мероси мансури Аҳмади Ҷомӣ ва ғайра ҷиддитарин баҳсҳо сурат гирифтаанд, ки комилан арзиши илмӣ-пажӯҳишӣ доранд.

Муҳим он аст, ки Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар интиҳои абвоб ба хулосаҳои мушаххаси илмӣ омада тавонистааст. Аз натиҷагириҳои муҳаққиқи ҷавон маълум мегардад, ки ҳатто ӯ аз таҳаввули насри адабӣ-ирфонӣ дар замони Аҳмади Ҷом комилан огоҳӣ дорад.

Ба назари мо, муҳаққиқи ҷавон аз ахбори сарчашмаҳои адабӣ-ирфонӣ, таърихӣ-мустанадӣ, адабӣ-бадеӣ басо хуб огоҳ аст. Тавъам бо масоили

фавқуззикр, ӯ аз осори илмӣ-пажӯҳишии муҳаққиқони шарқию ғарбӣ, ватанӣ ва хориҷӣ низ иттилооти мукаммал дорад.

Яке аз беҳтарин сифати пажӯҳиши илмии муаллифи рисола он аст, ки ӯ мавриди пеш омадани мубоҳисаҳои илмӣ, истиқлоли андеша дорад ва ин яке аз беҳтарин мухтассоти осори илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Як хусусияти боз ҳам ҷолиби қиёсу руҷҳон, ки дар фишурда аз онҳо кор гирифта шудааст, дар он аст, ки муаллифи рисола ғолибан ба таносуби калом ва мантиқи бадеии сухан таваҷҷуҳи махсус дорад ва ин падида куллан матлуб аст.

Ба ҳайси лағзиш дар фишурдаи диссертатсия ҳаминро месазад хотиррасон сохт, ки дар он басо бо нудрат бошад ҳам, баъзе ғалатҳои имлоӣ, пунктуатсионӣ манзур гардидаанд, ки рафъи онҳо боиси беҳбудии сифати илмии рисола хоҳад шуд.

Ғалатҳои фавқуззикр  чандон ҷиддӣ набуда, арзиши илмии фишурдаро заррае коҳонида наметавонанд.

Фишурдаи диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз тибқи тақозои КОА-и назди Президенти ҶТ таълиф гардида, муҳаққиқ комилан сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Д021400 – Адабиётшиносӣ (6Д021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Муқарриз: д.и.ф., профессори ДМТ** **М. О. Солеҳов**

**Суроға: шаҳри Душанбе, н. Фирдавсӣ кӯчаи**
**“ 50- солагии Тоҷикистон”, хонаи №23, ҳуҷраи “ №19.**
**Телефон: (+992-98) 106-78-75**
**E-mail: maksudov -56 @ mail**

**Имзои проф. М. О. Солеҳовро тасдиқ мекунам**

**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**

**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

15.05.2023

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.**
**E-mail: info@tnu.tj**
**«  » майи соли 2023.**